**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 038**

**оид ба диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника**

Комиссияи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раис доктори илмҳои биологӣ, профессор Бобораҷабов Б., аъзоёни комиссия номзади илмҳои биологӣ, дотсент Кароматуллои Қ ва номзади илмҳои биологӣ, дотсент Акрамов У.Х. дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА–038, мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ба чунин хулоса омад.

Мавзуи диссертатсияи Ҳисайнов Д.Э. мубрам буда, дар он яке аз масоили муҳими соҳаи ботаника доир ба омӯзиши таркиби таснифотӣ, ҳосилнокӣ, таъсири омилҳои экологӣ ба сабзиши тухм, ҳамчунин истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 140 саҳифа таҳия шуда аз муқаддима 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, расму ҷадвал иборат аст. Дар рисола 166 адабиёт истифода шудааст, ки 20 ададӣ онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

**Ҳадафи таҳқиқот:** Асоснок намудан ва имконияти баланд бардоштани ҳосилнокии алафзорҳои табиии ҳавзаи дарёи Яхоб ба сифати растаниҳои афзалиятноки хӯроки чорво.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Дар шароити минтақаи Кӯлоб бори

аввал бо назардошти баҳодиҳӣ аз ҷиҳати экологӣ, хусусияти биологӣ, сифати хӯроки чорво, аз ҷиҳати хоҷагидорӣ аломатҳои пурарзиши растаниҳо, талаботи бештар ба шароити нашъунамо, ба омилҳои номусоид тобовар, инчунин, дар сурати тағйирёбии иқлим, баҳогузории ҳосилнокӣ ва сифати ҳосил дода шудааст. Инчунин, дар ҳавзаи дарёи Яхоб омӯзиши ҳаматарафаи растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво гузаронида шуда, хусусиятҳои нашъунамо ва инкишоф, ҳосилнокии биологӣ, паҳншавии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар шароити табиӣ ва нашъунамои онҳо дар табиат муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола:** Арзиши амалии кор дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқот, асосҳои илмӣ - методии ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар сохтори ҷамоаи растаниҳои табиии заминҳои ҳавзаи дарёи Яхоб кор карда баромада шудааст, ки истифодаи он самаранокии истифодабарии неруи иқлимию хокии минтақаро баланд бардошта, норасоии мавҷудаи сафедаро дар соҳаи чорводории минтақа ҳаллу фасл менамояд. Маводҳои ба дастовардашуда, ҳамчун стратегияи илмӣ барои ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб маҳсуб меёбанд.

**Эҳтимолияти натиҷаҳои** таҳқиқоти гузаронидашуда бо ҳаҷми зиёди маълумоти коркардашуда бо истифода аз дастурамалҳои методӣ-илмии эътирофшуда ба даст оварда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** Довталаб дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ самт, мақсад, вазифаҳоро муайян намуда, равишҳо ва роҳҳои ҳалли вазифаҳои ба миёнгузоштаро таҳия намудаанд. Шахсан дар таҳқиқоти саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлил, коркарди маълумоти статикӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, тартиб додани хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ иштирок намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и тартиби додани

дарачаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми биология дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 03.02.01- Ботаника, ки аз рӯи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 19-уми январи соли 2022, таҳти №27/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 2 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсияи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Ҳисайнов Д.Э. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, дида намешавад.

Дар бахши хулоса ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқ баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубию

китобатӣ ба назар мерасанд, ки моҳияти диссертатсияро халалдор намесозанд.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияи илмиро кам намекунанд ваислоҳшавандаанд. Муҳимияти таҳқиқ тозагиҳои илмӣ, пешинаи таҳқиқ аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» таҳқиқоти ба итмомрасидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашр намудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология (унвонҷӯ) фарогири мазмуну муҳтавои умумии диссертатсияанд.

Бандҳои 57 ва 60-и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

Маводи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, барои ҳимояи кушод оид ба ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод карда мешавад.

**Тавсияи комиссия:**

Диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои ҳимоя ба шурои диссертатсиони 6D.КОА–038 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника қабул карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ:

1. **Мамадризохонов Акбар Алихонович -** доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва сайёҳии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

2. **Холова Шарифамо Сайдаҳтамовна** – номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи физиологияи растаниҳои факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров** пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссия:
д.и.б., профессор
узви Шуро — Бобораҷабов Б.

аъзоёни комиссия:
номзади илмҳои
биологӣ, дотсент — Кароматуллои Қ.

номзади илмҳои
биологӣ, дотсент — Акрамов У.Х.

Имзои Бобораҷабов Б.- ро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кардҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.

Имзои Кароматуллои Қ-ро тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

Имзои Акрамов У.Х - ро тасдиқ мекунам: Сардори таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур — Абдуҳалимзода Н.А.

20.03.2024